Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

Мавзуи интихобнамудаи муаллиф, «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» – ба масъалаи ниҳоят муҳими таҳсилоти муосир иртибот дорад. Дар шароити тағйироти босуръати иҷтимоӣ, фарҳангӣ ниёз ба тарбияи шаҳрвандони дорои дониш, маҳорат ва малакаи амиқ ва эҳсоси масъулияти баланди шаҳрвандӣ беш аз ҳар вақти дигар эҳсос мешавад.

Дар раванди таҳқиқ, муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим дар робита бо талаботи нави низоми миллии маориф ва таҷрибаи воқеии муассисаҳои таълимии касбӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад.

Автореферат бо риояи сохтори мантиқӣ таҳия гардида, дар он ҳадаф, вазифаҳо, объект, предмет, фария ва методология равшан ва дақиқ баён гардидаанд. Муаллиф дар оғози таҳқиқот ҳадафи мушаххас — таҳқиқ ва муайянсозии асосҳои иҷтимоӣ-педагогии таъсиргузор ба ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълимро пеш мегузорад.

Мутобиқи ин ҳадаф, вазифаҳои илмӣ бо пайдарпайии мантиқӣ ҷудо гардида, аз омӯзиши заминаи назариявӣ ва ҳуқуқӣ то ташкили марҳилаҳои озмоишӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ фаро мегиранд.

Муаллиф дар ҷараёни кори худ аз маҷмуи васеи усулҳои илмӣ, аз ҷумла таҳлили манбаъҳои илмию педгогӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пурсишномаҳо, мусоҳибаҳо ва озмоишҳои амалии педагогӣ истифода бурдааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки доираи донишҳои зарурӣ, маҳорат ва малакае, ки донишҷӯ ба он ноил бошанд, дар иҷрои амалҳои педагогӣ коркард гардида, боиси истифода қарор дода мешавад. Имкониятҳои иқтидори касбии фанҳои таълимии педагогика ва психология, фанҳои ҷамъиятӣ ва шароити татбиқи робитаҳои байни фаннӣ коркард

гардида, дар раванди демократикунонии таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар муносибатҳои босалоҳият мавриди истифода қарор хоҳад гирифт. Тавсияҳои мушаххас оид ба муносибатҳои диференсалӣ дар ташаккули омодагии касбии донишҷӯён коркард гардид; усул ва шаклҳои татбиқи амалиётӣ-фаъолиятӣ ва мақомӣ-арзишии робитаҳо дар ҷараёни ташаккули омодагии касбии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон коркард гардид.

**Аҳамияти амалии таҳқиқотро** андешаҳои асосии педагогӣ- психологӣ, фалсафӣ, антропологӣ дар бораи инсон ва раванди иҷтимоишавии он; - инкишофи маънавӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва ҷисмонии ҷавонон тавассути демократикунонӣ; - робитаи мутақобилаи иҷтимоӣ ва биологӣ;- иқтидори маърифатӣ ва тавоноии ҷисмонӣ-меҳнатии инсон;- мавқеи омилҳои инсонӣ дар ташаккули ҷамъияти муосир;- шароитҳои иҷтимоӣ- маданӣ ва шароитҳои этникӣ- конфесионалӣ дар кори ташаккул ва инкишофи шахсияти инсон дар раванди демократикунонии таълиму тарбия ва ташаккули салоҳияти касбӣ ифода мекунад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар асоснок будани натиҷаҳои таҳқиқот, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ифода ёфта, онро муносибати маҷмӯӣ нисбат ба таҳқиқоти мушкилот, шоистагии усули таҳқиқот, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ҳамбастагии усули сифатию миқдории таҳлили далелҳо, ки дар кори таҷрибавию озмоишӣ тасдиқ гардидаанд, муайян месозад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи вобаста ба таҳқиқот; дар пажӯҳиши дурусти таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводҳо; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи корҳои таҷрибавӣ, тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаи коркарди маводҳои таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ, ҷамъбасти натиҷаи бадастомада, дар таҳияи диссертатсия инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» таҳқиқоти илмии мустақили мукаммал мебошад, ки ба талаботи КОА ҷавобгӯ аст. Муаллиф масъалаи асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълимро ба таври амиқ таҳқиқ намуда, барномаи амалии тарбиявиро таҳия ва озмоиш намудааст.

Тадқиқот барои илми педагогика ва амалияи мактабии кишвар арзиши воқеӣ дошта, метавонад ҳамчун замина барои таҳияи барномаҳо, дастурҳои методӣ хизмат кунад.

**Хулоса,** кори илмию таҳқиқотии Садуллоева Гулнора Мохадовна дар мавзуи «Асосҳои педагогии ташаккули салоҳияти иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ дар демократикунонии раванди таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, директори
Муассисаи давлатии "Маркази дарёфт ва рушди
истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи
шаҳри Душанбе"
_______________ Султонзода Нигора Латиф

19.06.2025

**Маълумот барои тамос:** Суроға: 735034, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳлавӣ 5.
Тел.(+992) 988611155;

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Муассисаи давлатии "Маркази
дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди
Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе" _______________ Ҳакимова О. М.